

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№18 (4914)

ПАНҶШАНБЕ,
6 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991
чоп мешавад

www.sadoimardum.tj


## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Раҳмон Ю.А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Раҳмон Юсуф Аҳмадзод бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 феврали соли 2025, №951**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини Прокурори генералӣ - сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Воҳидзода Ҳ.С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Воҳидзода Ҳабибулло Сайдулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини Прокурори генералӣ - сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 феврали соли 2025, №952**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Воҳидзода Ҳ.С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Воҳидзода Ҳабибулло Сайдулло Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 феврали соли 2025, №953**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини Прокурори генералӣ – сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Ҳаётзода Ф.Ҷ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ҳаётзода Фирдавс Ҷӯрахон муовини Прокурори генералӣ - сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 феврали соли 2025, №954**



## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Қосимзода Х.Ш.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам :**

Қосимзода Хайриддин Шарифҷон муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 феврали соли 2025, №955**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи котиби Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Раҳмон Ю.А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Раҳмон Юсуф Аҳмадзод котиби Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 феврали соли 2025, №956**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир таъин намудани Каримӣ А.М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Каримӣ Акрам Муҳаммадрасул ҳамзамон сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 феврали соли 2025, №957**

## АМРИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Оқилзода Нурулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 феврали соли 2025, №АП-741**

## БАРҚИЯИ ТАСАЛЛӢ

**5-уми феврали соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Девони Имомати Исмоилия барқияи тасаллӣ ирсол намуданд, ки дар он гуфта мешавад:**

«Дар робита ба даргузашти Волоҳазрат Шоҳзода Карим Оғохони IV ҳамдардии самимии инҷонибро иброз менамоям.

Шодравон бо талошҳои пайвастааш дар роҳи ҳифзи сулҳу субот, пешрафту нумуи ҷаҳони ислом ва татбиқи ҳадафҳои рушди умум дар арсаи байналмилалӣ маъруфият пайдо намуда, соҳиби мақому манзалати хоса гардидааст. Вобаста ба ин, мехоҳам саҳми ӯро дар пешбурди ҳамкории созанда бо Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намоям.

Бо изҳори хотироти нек ва эҳтиром нисбати марҳум таъзияву тасаллият ва ғамшарикии амиқи хеш ва тамоми мардуми Тоҷикистонро ба наздикону пайвандони ӯ иброз намуда, аз даргоҳи Худованд ба онҳо сабри ҷамил хоҳонам».

**www.prezident.tj**

## ҚАРОРИ
### МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Шермуҳаммад Шоҳиён**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шермуҳаммад Шоҳиён бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №607**

## ҚАРОРИ
### МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Мирзозода Р.П.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Мирзозода Рустам Пираҳмад бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №608**

## ҚАРОРИ
### МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Исҳоқӣ А.Н.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Исҳоқӣ Амирхон Нусратулло бо сабаби расидан ба синни ниҳоии дар вазифаи судя будан аз вазифаи муовини раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №609**

## ҚАРОРИ
### МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Абдуллозода З.Ф.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Абдуллозода Зебонисо Файзулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №610**

# МУЛОҚОТИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО МАСЪУЛОНИ СОҲАИ ФУТБОЛИ МАМЛАКАТ





**Сеюми феврали соли 2025 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе, Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо масъулони соҳаи футболи мамлакат мулоқот анҷом доданд.**

Дар мулоқот роҳбарони гурӯҳҳои кории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳо, раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони федератсияҳои футбол дар минтақаҳои кишвар, роҳбарони бонкҳои давлатию тиҷоратӣ, инчунин, намояндагони бахши хусусӣ иштирок доштанд.

Дар оғози мулоқот муҳтарам Рустами Эмомалӣ зикр намуданд, ки дар доираи дастуру супоришҳои дар мулоқот бо масъулони соҳаи футболи мамлакат ироагардида аз 3 ноябри соли 2023 вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту идораҳо дар ҳамкорӣ бо Федератсияи футболи Тоҷикистон корҳои муайянро ба сомон расонданд.

Таъкид гардид, ки имрӯзҳо дар саросари ҷумҳурӣ татбиқи «Барномаи рушди футбол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» бомаром идома ёфта, дар натиҷаи тадбирҳои амалишуда барои рушди муназзами футбол дар кишвар шароити мусоид фароҳам аст.

Аз дастовардҳои футболи тоҷик дар соли 2024, аз ҷумла ширкати фаъолонаи тими миллии кишвар дар марҳилаи ниҳоии Ҷоми Осиё ва дар миёни ҳашт дастаи беҳтарини қитъаи Осиё ҷой гирифтани он, дар мусобиқаи қаҳрамонии ҷаҳон ба таври арзанда ҳунарнамоӣ кардани дастаи мунтахаби футзали кишвар, изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Бо пешниҳоди Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ аз ҷониби Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид эълон гардидани 25 май Рӯзи ҷаҳонии футбол ҳамчун рӯйдоди таърихӣ барои миллати тоҷик ва кулли ҳаводорони футбол маънидод гардид.

Дар ҷараёни мулоқот гузориши раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд ва Хатлон оид ба натиҷаҳои амалисозии дастуру супоришҳои мулоқот бо масъулони соҳаи футболи мамлакат аз 3 ноябри соли 2023 ва вазъи рушди футбол дар минтақаҳо шунида шуд.

Дар фарҷоми мулоқот Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе, Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ доир ба тадбирҳои минбаъда ҷиҳати фароҳам овардани шароити созгор барои рушди футбол, аз ҷумла рушди инфрасохтори соҳа, ба масъулони соҳа як қатор дастуру супоришҳо доданд.

Аз ҷумла, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ уҳдадор гардиданд, ки ҷиҳати мутобиқ ба талаботи байналмилалӣ ба роҳ мондани фаъолияти варзишгоҳҳое, ки дар онҳо дастаҳои лигаҳои касбӣ бозиҳои худро мегузаронанд, чораҳои мушаххас амалӣ намоянд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон вазифадор гардид, ки толорҳои варзишии ҳудуди вилоятро барои гузаронидани мусобиқаҳои дохилӣ омода карда, ҷиҳати таъсиси мактаби футзал тадбирҳои дахлдор андешад.

**www.majmilli.tj**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Хайриддинзода А.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Хайриддинзода Азизбек бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №611**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Ализода Ш.Ш.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ализода Шодмони Шамс бо сабаби расидан ба синни ниҳоии дар вазифаи судя будан аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №612**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Тағозода А.С.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Тағозода Абдуқаҳҳор Саидмурод бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №613**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Қосимзода С.О.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қосимзода Сулаймон Оймаҳмад бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №614**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Мирзозода Р.П.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Мирзозода Рустам Пираҳмад раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №615**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Абдуллозода З.Ф.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Абдуллозода Зебонисо Файзулло раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №616**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Тағозода А.С.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Тағозода Абдуқаҳҳор Саидмурод муовини раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №617**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Қосимзода С.О.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қосимзода Сулаймон Оймаҳмад муовини раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №618**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Қурбониён С.А.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қурбониён Сафаралӣ Алихон судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №619**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Амонзода Н.Ш.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Амонзода Намози Шариф судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №620**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Бобохонзода А.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Бобохонзода Асомуддин судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №621**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Назарзода Д.Қ.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Назарзода Даврон Қувват судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №622**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Шукурзод Н.Т.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шукурзод Назрулло Тағайбобо судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №623**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Саидзода М.Ф.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Саидзода Марзия Файзалӣ судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №624**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Шерзода Ҷ.С.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шерзода Ҷурабек Сангинмурод судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №625**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Давлатзода И.Р.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Давлатзода Исмоил Раҳим судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №626**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Баротзода З.М.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Баротзода Зумрад Махрамиён судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №627**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Саидзода З.С.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Саидзода Зулфия Саид судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №628**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи додани ризоият барои аз вазифаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Раҳмон Ю.А.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Барои аз вазифаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Раҳмон Юсуф Аҳмадзод бо сабаби ба кори дигар гузаштан ризоият дода шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №629**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи додани ризоият барои аз вазифаи муовини Прокурори генералӣ - сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Воҳидзода Ҳ.С.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Барои аз вазифаи муовини Прокурори генералӣ – сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Воҳидзода Ҳабибулло Сайдулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан ризоият дода шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №630**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи додани ризоият барои ба вазифаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Воҳидзода Ҳ.С.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Барои ба вазифаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Воҳидзода Ҳабибулло Сайдулло ризоият дода шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №631**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи додани ризоият барои ба вазифаи муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Қосимзода Х.Ш.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Барои ба вазифаи муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Қосимзода Хайриддин Шарифҷон ризоият дода шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №632**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи додани ризоият барои ба вазифаи муовини Прокурори генералӣ – сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Ҳаётзода Ф.Ҷ.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Барои ба вазифаи муовини Прокурори генералӣ – сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Ҳаётзода Фирдавс Ҷӯрахон ризоият дода шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №633**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Идрисзода И.М.**

Мутобиқи моддаи 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва банди 88 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Идрисзода Илёс Мумин бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №635**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳолати назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи ҳолати назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» **қарор мекунад:**

1. Ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳолати назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 ба маълумот гирифта шавад (замима мегардад).

2. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот, сохторҳои ҳарбӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳо тақвият диҳад;
- фаъолиятро дар самти таъмини риоя гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифз ва барқарор намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии вайронгардидаи онҳо таҳким бахшад;
- риоя ва иҷрои муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ»-ро таҳти назорати қатъӣ қарор дода, ҷиҳати баррасии пурраву холисонаи арзу шикоятҳо, ирсоли саривақтии ҷавобҳои мукаммалу асоснок ба муаллифони муроҷиатҳо ва бартараф намудани камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта, аз ҷумла бе сабабҳои узрнок қабул нагардидани шаҳрвандон аз ҷониби роҳбарони мақомоту ташкилоти давлатӣ, чораҳои амалӣ андешад;
- бо мақсади таъмини шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ ба риоя ва иҷро гардидани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи раванди рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ диққати аввалиндараҷа диҳад;
- ба амалигардонии муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, барои муайян ва бартараф намудани омилҳои ба содиршавии ҷинояту дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, бахусус авбошии гурӯҳӣ бо истифода аз силоҳи сард, аз ҷониби наврасону ноболиғон мусоидаткунанда чораҳои мушаххас андешад;
- риояи қатъии қонунгузорӣ дар бораи замин ва шаҳрсозиро таъмин намуда, баҳри пешгирии сохтмони худсарона ва коҳиш додани қабули қарорҳои ғайриқонунии раисони шаҳру ноҳияҳо чораандешӣ намояд;
- назорати прокурориро ҷиҳати таъмини баҳисобгирии пурраи истифодабарандагони неруи барқ, асоснокии ҳисоботҳо оид ба талафоти неруи барқ ва қарздории муштариён, инчунин, шаффофияти ҷамъоварии маблағи неруи барқ тақвият диҳад;
- ҷиҳати таъмини иҷрои талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳаракат дар роҳ, бахусус риояи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, аз ҷониби ронандагон назорати прокурориро вусъат бахшад;
- якҷо бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мубориза бо ҷинояткориро таҳким бахшида, ба амалисозии тадбирҳои муқовимат ба терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, савдои одамон, ҷиноятҳои киберӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ эътибори аввалиндараҷа диҳад;
- ҷиҳати таъмини амнияти фазои иттилоотии кишвар аз хабарҳои бардурӯғу иғвоангез, дорои хусусияти таассубгароиву ифротӣ ва вокуниши саривақтӣ ба онҳо, инчунин, пешгирии паҳншавии маводу иттилооте, ки ба фарҳангу арзишҳои миллӣ таъсири манфӣ мерасонанд, тадбирҳои муассир андешад;
- назорати риоя ва иҷро гардидани қонунгузориро зимни даъват ба хизмати ҳарбӣ, ҳамчунин, дар Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбӣ пурзӯр намуда, барои пешгирии содиршавии ҷиноят ва амалҳои ғайриоинномавии хизматчиёни ҳарбӣ тадбирҳои иловагиро амалӣ созад;
- дар ҳамоҳангӣ бо дигар субъектҳои муқовимат ба коррупсия фаъолиятро дар самти огоҳсозӣ, ошкор ва рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, бахусус дар мақомоту сохтори давлатӣ, таҳким бахшида, ҷиҳати пешгирии тасарруфи маблағҳои давлатӣ ва пурра барқарор намудани зарарҳои молиявӣ чораҷӯӣ намояд;
- назорати риоя ва иҷрои қонунҳоро дар мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ таҳким бахшида, ҷиҳати сари вақт ошкору ба қайд гирифтани ҷинояту ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, таъмини тафтиши пурра, ҳамаҷониба ва холисонаи парвандаҳо ва тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони ҷиноятҳоро аз қайд пинҳоннамуда чораҳои таъсирбахш андешад;
- якҷо бо Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи таъини ҷазо нисбат ба шахсони ҷиноятҳои коррупсионӣ содирнамударо дар давраи соли 2024 мавриди таҳлил қарор дода, бо мақсади таъмини адолати иҷтимоӣ, ислоҳи шахсони ҷиноятсодирнамуда ва пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав ҷиҳати қабул гардидани санадҳои судии қонунӣ, асоснок ва одилона тадбирҳои муассир андешад ва ҳангоми зарурат барои такмили қонунгузорӣ дар ин самт дар доираи ваколат чораҷӯӣ намояд;
- иштироки самараноки прокуроронро дар мурофиаҳои судӣ таъмин карда, фаъолиятро ҷиҳати таъмини риояи қонунгузорӣ ҳангоми қабули санадҳои судӣ ва барқарор намудани зарарҳои молиявӣ ҷоннок намояд.

3. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба иҷрои қарори мазкур моҳи июли соли 2025 ва моҳи январи соли 2026 ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намояд.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният гузошта шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №634**




## ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ 1,6% АФЗУД



**- Соли 2024 истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 1,6 фоиз афзуд, - иттилоъ дод зимни нишасти матбуотӣ вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбон Ҳакимзода.**

Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла ғалладонагиҳо 1828,3 тонна, картошка - 1264,0, сабзавот - 3289,2, полезӣ - 1144,8, меваҷот - 823,0 ва ангур 290,0 ҳазор тоннаро ташкил додааст.

